## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Муҳтавои диссертатсияи Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқ мебошад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити эмори давлати ҳуқуқбунёд, ки нақши қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ муҳим мебошад, таҳқиқи илмии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақтӣ аст. Бояд иброз намуд, ки баъд аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ низоми ҳуқуқии кишвар низ тағйир ёфт. Дар муқоиса бо низоми ҳуқуқии замони шуравӣ асоси меҳварии низоми ҳуқуқии замони муосирро арзиши олӣ доштани инсон ва ҳуқуқҳои ӯ ташкил медиҳад. Дар ин ҷода, аз нигоҳи илмӣ мушаххас ва таври алоҳида таҳқиқ намудани ҳар як унсури низоми ҳуқуқии кишвар, аз ҷумла, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили қабул ва мувофиқи мақсад мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ниҳоди калидӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Ӯ ҳамчун ҳамоҳангсози фаъолияти бонизоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ баромад менамояд. Бояд иброз намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идораи давлат ва рушди низоми ҳуқуқии он аз Президент вобаста аст. Зеро, тибқи Конститутсия шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон президентӣ мебошад. Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд буда, санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроияро ҳангоми мухолифати онҳо ба Конститутсия ва қонунҳо бекор мекунад ва ё бозмедорад, райъпурсиро таъин мекунад, ба қонунҳо имзо мегузорад ва дар доираи салоҳияти худ фармон мебарорад ва амр медиҳад.

Дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши ҳалкунанда ва махсус дорад. Президент ҳамчун сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия дорои салоҳияти васеъ ва муҳимми давлативу ҷамъиятӣ мебошад. Фармон ва амрҳои Президент хислати ҳатмӣ доранд. Дар асоси фармонҳои Президент меъёрҳои ҳуқуқии умумиҳатмӣ ва меъёрҳо-супоришҳо бароварда мешаванд, ки муносибатҳои муҳимми ҷамъиятиро ба танзим медароранд. Пеш аз ҳама дар асоси фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳо, консепсияҳо ва стратегияҳо тасдиқ

карда мешаванд. Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеа метавонад равона гардад.

Гузашта аз ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои салоҳиятҳои махсус мебошад, ки дар ҳолати зарурӣ бо мақсади таъмини амнияту суботи давлат ҳолати ҷангро эълон менамояд ва ё дар саросари ҷумҳурӣ ва ё дар маҳалҳои алоҳидаи он вазъияти фавқулодда эълон намуда, дар ҳарду ҳолат фармонро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд. Чунин салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон характери фаврӣ дорад, ки дар доираи он роҳбари давлат мустаъқилона ва таъҷилан қарор қабул менамояд.

Дар шароити кунунӣ вобаста ба ҷойгоҳи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ андешаҳои гуногун ҷой доранд. Тибқи андешаҳои олимони давлатҳои хориҷӣ фармонҳои роҳбари давлат эътибори қонунӣ доранд.

Дар ин ҷода таҳқиқоти диссертатсионии Ш.И. Зарифзода саривақтӣ ва муҳим буда, баҳри пур намудани холигии ҷойдошта дар муҳитти илми ҳуқуқшиносии кишвар мусоидат хоҳад кард.

Анҷом додани тадқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» муҳим ва саривақтӣ мебошад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Ш.И. Зарифзода дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи таҳқиқоти диссертатсионие мебошад, ки дар он ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионӣ тавассути манзур намудани нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш инъикос кардааст. Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва хориҷи кишвар, инчунин, аз андешаву назари олимони дохил ва хориҷи кишвар васеъ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин кардаанд. Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, нуктаи назари нав дар илм мебошанд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Бояд тазаккур дод, ки андешаҳо ва нуктаҳои илмие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷой доранд бо фикру андешаҳои илмии олимони дохил ва хориҷи кишвар, инчунин, дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд. Муаллифи диссертатсия бо мақсади асоснок намудани андешаҳои худ аз диссертатсия, авторефератҳо, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, инчунин сарчашмаҳои ҳуқуқӣ васеъ истифода намудааст. Хулосаю тавсияҳои диссертант, ки дар матни автореферат ва диссертатсия оварда шудаанд, асоснок буда, эътимоднокии худро доранд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Ш.И. Зарифзода аз номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб,

хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишорот аз рӯйи диссертатсия иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Мафҳум, намудҳо ва хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном гирифта, аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби мазкур – «Санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», муаллиф дар асоси таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, андешаи олимони дохилу хориҷи кишвар санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳи зарурӣ таснифбандӣ намуда, инчунин, хусусиятҳои онҳоро таҳқиқ намудааст.

Диссертант аҳамияти илмӣ ва амалии таснифи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлатро асоснок намудааст. Гуфта мешавад, ки таснифи санадҳои ҳуқуқии Президент аҳаммияти илмӣ, таълимӣ, маърифатӣ ва амалӣ дорад Дар асоси таҳқиқи масъала дар асоси яке аз таснифҳо санадҳои ҳуқуқии Президентро ба меъёрӣ ва фардӣ тақсим намудааст, ки ҷолиби диққат мебошад (саҳ. 21-23). Диссертант дар он андеша аст, ки фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дохил мешаванд. Санадҳои ҳуқуқтатбиқкунии сарвари давлат хусусияти меъёрӣ надоранд (саҳ. 24). Муҳаққиқи диссертатсия санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба се намуд, фармонҳои меъёрӣ (санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ), фармонҳои ғайримеъёрӣ ё фардӣ (санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ) ва амрҳо (санадҳои фардии ғайримеъёрӣ) ҷудо намуда ҳар яки онҳоро дар асоси таҳлилҳои амиқи илмӣ баррасӣ намудааст (саҳ. 25-29). Хусусияти санадҳои ҳуқуқии Президент бо дарназардошти таҷзияи шохаҳои ҳокимият ба қонунгузор, иҷроия ва судӣ мавриди таҳқиқоти мукаммал қарор дода шуда, дар ин ҷода диссертант пешниҳодҳои илмии худро манзур кардааст (саҳ. 30-38). Аз ҷумла, гуфта мешавад, ки ҳокимияти Президент ё ҳокимияти президентӣ шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ мебошад. Аз як тараф Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари ҳокимияти иҷроия мебошад. Аз тарафи дигар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари давлат ҳамоҳангии ҳамаи шохаҳои ҳокимиятро таъмин мекунад. Вазъи ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат мақоми баланди ӯро дар механизми давлат собит менамояд (саҳ. 36-37).

Дар зербоби дуюми боби мазкур – «Фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз ҷониби диссертант мафҳум ва хусусиятҳои фармони меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст.

Диссертант аз нигоҳи таърихи масъаларо баррасӣ намуда, бо далелҳои зарурӣ исбот менамояд, ки дар давлати Шуравӣ фармон аз тарафи Президиуми Шурои Олии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ, Президиуми Шурои Олии ҷумҳуриҳои шуравӣ ва мухтор қабул мешуд. Ин фармонҳо дар ҷаласаҳои навбатии Шурои Олӣ тасдиқ мешуданд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки фармон дар давлати шуравӣ аз тарафи мақомоти коллегиалӣ қабул мешуд (саҳ. 38-39). Дар раванди таҳқиқот ба таври васеъ мафҳуми фармонҳои сарвари давлатро баррасӣ намуда (саҳ. 40-43), хулосаи худро бо чунин мазмун манзур кардааст: Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ сарчашмаи ҳуқуқ буда, меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар мекунанд, тағйир медиҳанд ё қатъ мегардонанд ва аз ин хотир, муносибатҳои ҷамъиятиро бевосита танзим мекунанд (саҳ. 44). Дар асоси баррасии масъала (саҳ. 45-51) диссертант менависад, ки фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ дар ташаккулу инкишофи низоми ҳуқуқ ва низоми қонунгузорӣ нақши муҳим доранд. Мебояд зикр намуд, ки фармонҳои сарвари давлат дар ҳуқуқи романиву олмонӣ ҳамчун намуди санади меъёрии ҳуқуқӣ сарчашмаи ҳуқуқ эътироф мешавад. Ба ақидаи аксарияти олимон санади меъёрии ҳуқуқӣ, аз он ҷумла фармони сарвари давлат дар ҳуқуқи романиву олмонӣ сарчашмаи бонуфузи ҳуқуқ эътироф мешавад (саҳ. 51-52).

Дар зербоби сеюми боби якум – «Фармонҳои фардӣ ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст.

Зикр карда мешавад, ки дар таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ сарвари давлат одатан санадҳои меъёрӣ ва фардӣ мебарорад. Чунин таҷриба дар Тоҷикистон низ такмил ёфтааст. Аз ин хотир, дар асарҳои илмӣ тафовути фармон ва амри сарвари давлат васеъ таҳқиқ мешавад (саҳ. 53). Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санади ҳуқуқии ғайримеъёрӣ мебошад. Ба ақидаи олимон амрҳои сарвари давлат одатан оид ба масъалҳои ташкилӣ, кадрӣ, фаврӣ ва фаъолияти дастгоҳи иҷроияи назди Президент қабул мешаванд ва ғайримеъёрӣ мебошанд (саҳ. 54). Дар баробари таҳқиқи масъалаи фармонҳои фардӣ ва амрҳо, инчунин супоришҳои давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Гуфта мешавад, ки супоришҳои давлатии Президент дар таҷрибаи ҳуқуқии Тоҷикистон падидаи нав буда, дар сатҳи қонун ҳоло танзим намешавад. Аммо супоришҳо дар таҷрибаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии Президенти Тоҷикистон воқеан истифода мешаванд. Аз як тараф ҳуқуқи додани супоришҳои давлатӣ воқеан дар доираи салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии Президент амалӣ карда мешавад. Аз тарафи дигар салоҳияти мазкур дар сатҳи қонунгузории ҷумҳурӣ ҳоло танзим нашудааст (саҳ. 57). Инчунин, дар асоси таҳлили амиқ аз ҷониби диссертант хусусиятҳои фармонҳои фардӣ ва амрҳои сарвари давлат таҳлил гардида, санадҳои ҳуқуқии Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намудҳо ҷудо карда шудааст, ки сазовори баҳои баланди илмӣ мебошад (саҳ. 59-69).

Боби дуюми диссертатсия «Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби мазкур – «Салоҳияти маҷмуии (комплексии) ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дадо шудааст.

Дар асоси таҳлили илмӣ-муқоисавии таҷрибаи давлатҳои хориҷ ва инчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои санадҳои идоракунии сарвари давлат бо дарназардошти шакли идоракунии президентӣ, парламентӣ ва омехтаи президентӣ-парламентӣ муайян карда шудааст (саҳ. 71-75). Инчунин, вазъи махсуси сиёсиву ҳуқуқӣ, салоҳиятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муайян ва таҳқиқ гардидааст, ки дорои баҳои баланди илмӣ мебошанд (саҳ. 75-80). Шаклҳои зерини амалӣ намудани салоҳияти Пешвои миллат зикр гардидааст: муроҷиат, суханронӣ, маслиҳату пешниҳодҳо. Иброз карда мешавад, ки ин шаклҳои амалӣ намудани салоҳияти Пешвои миллат дар ҷараёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии ӯ истифода мешаванди (саҳ. 76). Салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи фаъолияти ҳам ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳам идоракунӣ амалӣ карда мешавад. Президент салоҳияти қонунгузорӣ дорад, чунки ӯ бо роҳҳои гуногун, масалан, пешниҳоди лоиҳаи қонуни авф ё тавассути намояндаи худ дар парламент дар ҳамаи давраҳои қонунэҷодкунӣ иштирок мекунад. Илова бар ин, интишори қонун, ки яке аз давраҳои муҳимми фаъолияти қонунэҷодкунӣ мебошад, бе иштироки Президент ғайриимкон аст. Фаъолияти қонунэҷодкунии парламент бе иштироки Президент ба итмом намерасад. Илова бар ин, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумат низ иштироки Президентро талаб мекунад, чунки қарорҳои Ҳукумат бе имзои ӯ эътибори ҳуқуқӣ надоранд (саҳ. 86-87). Чунин хулосаи пешниҳоднамудаи диссертант дар асоси таҳлили амиқи илмӣ руи кор омадааст, ки ҷолиби дастгирӣ мебошад.

Дар зербоби дуюми боби мазкур – «Хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст.

Аз ҷониби диссертант зикр карда мешавад, ки фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлати Тоҷикистон бо баробари таъсиси мансаби давлатии Президент дар Тоҷикистон оғоз мешавад. Дар давлати шуравӣ бинобар ҷой надоштани мансаби Президент ин намуди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ғайриимкон буд (саҳ. 87). Ҳамчунин дар асоси адабиёти васеи илмӣ мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ, мафҳуми васеъ ва маҳдуди ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқэҷодкунӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст (саҳ. 88-91). Гузашта аз ин, муаллифи диссертатсия таснифи ҳуқуқэҷодкуниро мутобиқи бобҳои дахлдори Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур кардааст, ки ҷолиби диққат мебошанд. Тибқи он ҳуқуқэҷодкунии Маҷлиси миллӣ, ҳуқуқэҷодкунии Маҷлиси намояндагон, ҳуқуқэҷодкунии Президент,

ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумати Тоҷикистон, ҳуқуқэҷодкунии мақомоти маҳаллии намояндагӣ ва иҷроия ва ҳуқуқэҷодкунии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ муайян карда шудааст (саҳ. 94). Дар натиҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли фармонҳои меъёрӣ қабул мешаванд. Фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати расмии ҳуқуқӣ мебошанд, меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар мегиранд, хусусияти умумиҳатмӣ доранд (саҳ. 95). Гузашта аз ин, аломатҳо ва хусусиятҳои фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва шарҳ дода шудааст (саҳ. 97-105).

Дар зербоби сеюми боби дуюм – «Таҳия, интишор ва эътибори ҳуқуқии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст.

Диссертант иброз менамояд, ки фармонҳои сарвари давлат намуди санади ҳуқуқӣ ва аз ин хотир, ҳуҷҷати расмии ҳуқуқи буда, бо тартиби муайян, ки дар қонунгузорӣ муайян карда шудааст, таҳия ва интишор карда мешаванд. Таҳияи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат бо риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад (саҳ. 106). Бо далелҳои зарурӣ аҳамияти илмӣ ва амалии таҳия ва интишори санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ дода шудааст (саҳ. 107). Бо такия ба санадҳои ҳуқуқӣ функсияҳои салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат оварда шудааст (саҳ. 108-109). Барои таҳия ва нашри санадҳои ҳуқуқии роҳбари давлат дар таносуб аз ҳамаи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиби алоҳида муқаррар карда мешавад. Дар асоси Низомномаи дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз менасмояд, ки тартиб ва раванди таҳия ва нашри санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо таҳия ва интишори фармону амрҳои сарвари давлат маҳдуд нашуда, таҳия ва нашри қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ дар бар мегирад (саҳ. 111).

Боби сеюми диссертатсия «Нақши фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар рушди ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ» ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби мазкур – «Нақши фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар рушди низоми қонунгузорӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ», мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дадо шудааст.

Муаллифи диссертатсия дуруст менависад, ки фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ нақши ҳалкунанда доранд. Дар солҳои истиқлоли давлатӣ аз ҷониби сарвари давлати Тоҷкистон Эмомалӣ Раҳмон силсилаи фармонҳо доир ба доираи васеи масъалаҳои ҳаётан муҳим қабул карда мешаванд (саҳ. 118). Диссертант фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ба тасвиб расида буданд, таҳлил намуда, исбот кардааст, ки дар ин давраи ниҳоят муҳимми таърихӣ онҳо барои рушди давлат ва таъмини сулҳу субот нақши созгор бозидаанд. Аз ҷумла, гуфта мешавад,

ки солҳои 1994-1999 микдори зиёди фармонҳои роҳбари давлат дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлат ва ҷомеа, аз ҷумла, дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, илм ва маориф, саноат, рушди ҳаёти сиёсӣ, мубориза бо терроризм, ҷиноятҳои иқтисодӣ ва коррупсионӣ қабул гардидаанд. Фармонҳои мазкур дар давраи мураккаб гардидани вазъияти сиёсӣ, иҷттимоӣ, иқтисодии мамлакат қабул шуда, ба таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат намудаанд. Онҳо барои ба эътидол овардани вазъияти душвори иҷтимоӣ-иқтисодӣ аҳаммияти калон доштанд. Дар ин солҳо фармонҳои роҳбари давлатамон дар ҷомеа, дар байни шаҳрвандон, гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ нуфузи баланд дошта, якдилона дастгирӣ карда шуданд. Дар заминаи ин фармонҳо самтҳои асосии сиёсати дохилӣ дар самти таъмини қонуният муайян карда шуданд (саҳ. 119). Бо овардани далелҳо исбот менамояд, ки дар асоси фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсиву давлатии кишвар ислоҳоти зарурӣ гузаронида шуда, дар асоси онҳо як қатор ҳуҷҷатҳои зарурии ҳуқуқӣ омода ва қабул гардиданд (саҳ. 120-130). Салоҳияти эълон намудани ҳолати ҷанг ва вазъияти фавқулодда танҳо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад. Эълон намудани ҳолати ҷанг ва вазъияти фавқулодда бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда мешаванд (саҳ. 134). Дар ин бобат диссертант дуруст иброз менамояд, ки фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини мудофиа ва амнияти давлат нақши калидӣ доранд.

Дар зербоби дуюми боби сеюм – «Нақши калидии фармонҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими асосҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа», мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дадо шудааст.

Диссертант дар асоси таҳлили фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо далелҳои кофӣ муайян намудааст, ки онҳо дар самти баробарии гендерӣ, баланд бардоштани мақоми занон, солимии оила, ҳифзи иҷтимоӣ, аз ҷумла, баланд бардоштани музди маош ва нафақа дар ҷомеа нақши калидӣ доранд. Дуруст иброз карда мешавад, ки Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» аз 3 декабри соли 1999, №5 рӯйдоди муҳимми таърихӣ дар ҳаёти ҷомеа гардид. Дар қонунгузории давраи шуравӣ ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои занон таваҷҷуҳ зоҳир шуда буд. Аммо, маҳз дар заминаи Фармони мазкур ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати комилан нави давлат дар ин соҳа муайян карда мешаванд. Давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон сиёсати навро бо мақсади баланд бардоштани мақоми занон дар оила ва ҳаёти ҷомеа, ҷалби онҳо ба вазифаҳои давлатӣ пайгирӣ мекунад (саҳ. 143). Бо далелҳо таҳқиқ карда мешавад, ки дар асоси фармони мазкур маҷмуи тадбирҳои давлатӣ роҳандозӣ гардиданд, ки ҷиҳати рушди ҳуқуқи зан дар кишвар мусоидат намудаанд (саҳ. 144-146). Гузашта аз ин, фармонҳои роҳбари давлат дар самти ҳифзи иҷтимоӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шуда, муҳиммият ва саривақтӣ будани онҳо, инчунин, мусоидати онҳо дар самти некуаҳволии мардум исбот гардидааст (саҳ. 147-149). Дар зербоби

мазкур таваҷҷуҳи алоҳида ба таҳқиқи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои фарҳанг, соҳибкорӣ, боғдорӣ, истифодаи замин, рушди корхонаҳои саноатӣ, истифодаи захираҳои энергетики, низоми бонкӣ, молиявӣ ва пулӣ, сиёсати хориҷӣ, беҳтар намудани шароити зиндагии аҳолии деҳот, дастгирии ҷавонон, вазъи иҷтимоии донишҷӯён, китобхонӣ ва таъсиси озмунҳо, такмили соҳаи маориф ва илми кишвар, таълиму тарбияи ҳуқуқӣ равона карда шуда, нақши калидии онҳо дар рушди ҷомеа бо далелҳо зикр гардидааст, ки дорои баҳои баланди илмӣ мебошанд (саҳ. 150-163).

Дар асоси таҳлилҳои васеъ ва ҳамаҷонибаи илмӣ ба диссертант имконият фароҳам омадааст, ки хулоса ва пешниҳодҳои муҳимми илмӣ дар самти таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод намояд.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Ш.И. Зарифзода аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад. Зеро хулоса ва пешниҳодҳои илмии дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада метавонанд дар самти рушди низоми ҳуқуқии кишвар мусоидат намояд. Хулосаву андешаҳои диссертант барои ҳалли баъзе аз масъалаҳои илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ метавонанд мусоидат намоянд.

Хулосаву андешаҳо ва тавсияҳои амалии диссертант сазовори баҳои баланди илмӣ-амалӣ мебошад. Ҳангоми воридгардии онҳо дар амалияи қонунгузорӣ холигии ҷойдоштаи соҳа метавонад як андоза пур гардад.

Аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки анҷом додани чунин намуди кор, баҳри беҳтар намудани танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз қабили, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ равона гардидааст.

**7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 6 мақолаҳои илмӣ омода ва нашр намудааст, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Бояд қайд намуд, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Ш.И. Зарифзода ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, инчунин, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

**Автореферат фишурдаи диссертатсия** буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муҳтавои автореферат аз диссертатсия бар меояд.

Диссертатсияи Ш.И. Зарифзода дар баробари доштани ҷанбаҳои зиёди мусбат, инчунин, аз баъзе камбудӣ ва масъалаҳои баҳсбарангез холӣ намебошад, аз ҷумла:

1. Дар нуктаи илмии дуюм, вобаста ба нуфузи баланди сиёсӣ-ҳуқуқии санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат зикр карда мешавад. Нуктаи мазкур аз нигоҳи ҳуқуқӣ як андоза гуногунандеширо ба миён меорад, зеро ҷойгоҳи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат дар қисми 2 моддаи 9 ва моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мушаххас карда шудааст. Дар ин бобат мехостам ҳангоми ҳимояи ошкоро диссертант андешаи худро асоснок намояд.

2. Дар нуктаи илмии сеюм, диссертант фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба меъёри ва ғайримеъёрӣ тасниф намудааст. Нуктаи мазкур як андоза баҳсбарангез мебошад, зеро дар илм андешаҳое ҷой доранд, ки фармонҳои роҳбари давлатро дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ муҳим арзёбӣ намуда, бар зидди чунин ақидаанд. Аз ҷумла, бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои калидии мақомоти давлатӣ шахсони алоҳида таъин ва ё аз он озод карда мешаванд, ки иҷроиши онҳо ҳатмӣ мебошанд. Гузашта аз ин, диссертант дар хулосаи худ иброз менамояд, ки таснифи санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат ба меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ шартӣ аст, чунки як қатор санадҳои фардӣ ва ташкилӣ муқаррароти меъёриро дар бар мегиранд (саҳ. 166). Дар ин бобат мехостам ҳангоми ҳимояи ошкоро диссертант андешаи худро асоснок намояд.

3. Тавсияи рақами нуҳум мушаххаснамоии алоҳидаро тақозо менамояд. Зеро аз ҷониби диссертант таклиф пешниҳод карда мешавад, ки дар моддаи 70 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри алоҳида оид ба эътибори умумиҳатмӣ доштани мурочиат, суханронӣ, маслиҳату пешниҳоди Пешвои миллат ифода карда шавад (саҳ. 173). Ҳоло он ки моддаи мазкури Конститутсия ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълуқ дошта, вазъи ҳуқуқии Пешвои миллатро Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат» муқаррар менамояд.

Мулоҳизаҳое, ки иброз гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаи баррасишаванда муҳим мебошанд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ ва сазовори баҳои баланд мебошад.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури маркази низоми

ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Зарифзода Шоҳрух Иззатулло сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарризи расмӣ**:
Сардори факултети № 2
Академияи ВКД Ҷумҳурии
Тоҷикистон, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мансурзода А.М.

Ихтисос: 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**Имзои «Мансурзода А.М.»-ро тасдиқ менамоям.**
Сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.

Суроға: 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3,
тел: +992 (37) 226-60-42, Моб.: +992 918 40-07-11
Суроғаи электронӣ: www.avkd.tj; E-mail: mam300986@mail.ru

«09» 02 2026 с.